## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович дар мавзуи «Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа, аз рӯи ихтисоси 6.3.2. – Таърихи фалсафа, пешниҳод гардидааст.**

Дар шароити имрӯза, ки муносибатҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангӣ-илмии давлатҳои ҳамҷавори Тоҷикистону Узбекистон хуб ба роҳ монда шудааст аз олимон масъулияти дучандро талаб мекунад то ба ҳамкории ҳарду ҷониб саҳмгузор бошанд. Дар ҳоли ҳозир, ки давлатҳо истиқлолият ба даст овардаанд, дарку фаҳмиш ва мустақилияти шахсӣ хеле муҳим буда, ба рушди равандҳои ақлгароӣ, истифодаи дурусти методологияи илмӣ ва ҷаҳонбинии алтернативӣ вобастагии зич дорад. Имрӯз, ки ҷаҳони муосир дар ҳолати номутаносиб қарор дорад, бархурди тамаддунҳо зарурати баррасии низоми мантиқӣ ва фалсафии мутафаккирони классикии худиро бо аҳамияти нав ба миён меорад. Мавзуи баррасишавандаи таҳқиқ, ки ба афкори мантиқӣ ва маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ таҳти унвони «Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ» бахшида шудааст, дар заминаи сарчашмаҳои илмӣ таҳқиқ шуда, дар рушди тафаккури илмии ватанӣ саҳми арзанда хоҳад гузошт. Агар ба таври умумӣ ба мазмуни фишурдаи диссертатсия таваҷҷуҳ намоем, маълум мешавад, ки сарфи назар аз таҳқиқоти анҷомшуда дар ин самт, кори таҳқиқотии диссертант аз аввалин иқдомҳо дар замони истиқлолиятҳо ва ҳатто пеш аз он ба ҳисоб рафта, дар шакли муқоисавӣ кори пурра анҷомшуда ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, талошҳои муаллифро дар ин равиши бонизоми таҳқиқ саривақтӣ ва хеле муҳим маҳсуб медонем.

Мавзуи таҳқиқ, ки ба яке аз мураккабтарин самтҳои фалсафа – мантиқ ва маърифат бахшида шудааст, дар қолаби таҳлили дугона ва муқоисавии натиҷабахш таълиф гардида, ба баррасии таърихи мантиқу фалсафа ва, аз сӯи дигар, ба рушду такомули тафаккури мантиқӣ ва низоми маърифат дар заминаи андешаҳои мутафаккирони асримиёнагӣ – Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ равона шудааст.

Муаллифи дар раванди таҳқиқ баҳсҳоеро ба майдони таҳқиқ мекашад, ки доманаи пурмоҷарои қадима доранд ва барои исботи онҳо дониши васеъ ва масъалагузориҳои илмӣ бар пояи сарчашмаҳо зарур аст, дар ҷараёни таҳқиқ ин равиш хуб ба назар мерасад. Яке аз масъалаҳои муҳими

мазкур ин аст, ки оё фалсафаи форсу тоҷик бозсозии фалсафаи юнонӣ аст ё низоми мустақили назариявӣ бо сохтор, мақсад ва методологияи хоси худ мебошад? Дар тавзеҳи ин масъала муаллиф бо такя ба таълимоти Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, дар бахшҳои мафҳуму қазия, қиёсу бурҳон ва маърифат, тавассути масъалагузориҳои дақиқ ба ин мубоҳиса посуххои мантиқона пешниҳод намуда, асли матлабро бо нишон додани ибтикороти мутафаккирон равшан месозад.

Аҳамияти мавзуъ яке аз ҷиҳатҳои муҳими таҳқиқ ба ҳисоб меравад ва дар он методологияи хоси таҳқиқ ба назар мерасад. Маҳз ба ҳамин хотир, таҳқиқот ба талаботи илми муосир мувофиқ буда, дар раванди истеҳсолоти зеҳнӣ ба такмили методологияи омӯзиши фалсафа ва мантиқ мусоидаткунанда дониста мешавад.

Мубрамии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки дар замони муосир, вобаста ба низоми нави таҳқиқоти илмӣ, дарки мантиқу маърифат, ки асоси ратсионализми илмӣ дониста мешаванд, талаботҳои нави илмӣ барои бартараф намудани хурофот ва таассуботи догматикӣ пеши назар омадааст. Ба ин хотир, мероси илмӣ-мантиқии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ барои густариши тафаккури интиқодӣ ва таҳлилҳои илмӣ дар шароити ахлоқиву фарҳангии муосир, бо назардошти мушкилоти иҷтимоии ҷомеа, мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуда, заминаи хубе дар рушди худшиносии миллӣ дониста мешавад. Бо итминони комил метавон гуфт, ки Сулаймонов Б.С. мавзуи муҳими фалсафӣ-мантиқиро мавриди баррасӣ қарор дода, таъкид менамояд, ки мантиқ ва маърифат дар ташаккули тафаккури илмӣ нақши бориз доранд. Аз таҳқиқоти ӯ ба осонӣ пай бурдан мумкин аст, ки таълимоти мантиқӣ-маърифатии ҳар ду мутафаккир дар асоси категорияҳои мафҳум, қазия, қиёс, бурҳон ва маърифат таҳлил гардида аст. Диссертант бо истифодаи дурусти методологияи таҳқиқ мекӯшад дар пасманзари ин категорияҳо равзанаеро барои рушди тафаккури илмӣ ва мусоидат ба ташаккули фазои иҷтимоӣ боз намояд. Хулосаи чунин раванд метавонад барои коркарди назарияҳо ва амалияҳои гуногуни дарёфти донишҳои муфид имконият фароҳам оварад.

Аз таҳқиқоти диссертант маълум мегардад, ки мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ ба таври возеҳ баён гардида, вобаста ба мундариҷаи автореферат метавон иброз дошт, ки ин масъалагузориҳои илмӣ роҳи ҳалли худро муваффақона ёфтаанд. Муҳимтарин ҷанбаҳои таҳқиқоти мазкур, ки ба рушди илми оянда мусоидат мекунанд, дар он зоҳир мегардад, ки диссертант матолиби мавриди назарро дар чунин шакл ба таҳқиқ

кашидааст: дар ҷараёни омӯзиши муқоисавӣ ва таҳлили мантиқӣ-маърифатии осори Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ як қатор натиҷаҳои тоза ба даст омадаанд: ташаккули таълимоти мантиқӣ-маърифатии фалсафии мутафаккирон дар заминаи мактабҳои худӣ; таъсири истилоҳот ва категорияҳои фалсафии мутафаккирони Юнон дар рушд ва густариши афкори фалсафии Форобӣ ва Тусӣ; мафҳум, қазия ва хулосабарорӣ ҳамчун воситаҳои методологии маърифат дар таълимоти мутафаккирон; нахустин бор дар асоси сарчашмаҳои аслӣ ҷанбаҳои маърифатии таълимоти Форобӣ ва Тусӣ аз рӯи методологияи мантиқӣ баррасӣ шудаанд; Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар осори мондагори хеш ҳаман қисматҳои мантиқро таҳлил намуда, заминаи хуберо барои осоиштагии низоми иҷтимоӣ ба вуҷуд овардаанд.

Ба назари мо, таҳлили таълимоти мантиқӣ-маърифатии Форобӣ ва Тусӣ хеле муфид ва бамаврид ба ҳисоб рафта, нақши онҳо дар рушди ҷаҳонбинии илмӣ мусоид буда, нишон медиҳад, ки ҳар кадоме аз онҳо вобаста ба ин масъала саҳми арзанда гузошта метавонанд.

Бе шакку шубҳа метавон гуфт, ки таҳқиқоти анҷомдодаи Сулаймонов Б.С. саривақтӣ ва судманд аст. Муаллиф ҷанбаҳои бунёдии категорияҳои мантиқӣ-маърифатиро бо такя ба сарчашмаҳои аслӣ ва дар муқоиса бо назарияҳои муосир мавриди баррасӣ қарор дода, зинабандии низоми мантиқӣ ва роҳҳои хулосабарории саҳеҳро нишон додааст. Равшан аст, ки хулосаҳои дуруст дурнамои муайянеро пеши назар мегузоранд ва имконият медиҳанд, ки масъалаҳои мураккаби илмӣ-фалсафӣ ошкор ва тавзеҳ гарданд, албатта, ба шарте ки, чунонки диссертант таъкид мекунад, методологияи таҳқиқ дуруст ба роҳ монда шавад.

Сулаймонов Б.С. дар автореферат тавонистааст ба таври муҷаз нуктаҳои асосии рисоларо иброз намуда, ҳадаф, вазифаҳо ва навовариҳои таҳқиқро равшан ва мушаххас баён кунад. Ҳамчунин, агар мувофиқат ва таркиббандии тарҷумаи русии авторефератро ба назар гирем, метавон гуфт, ки он хеле равон ва суфта анҷом ёфта, мафҳумҳо ва истилоҳоти мантиқӣ-маърифатӣ бо мазмуни тоҷикии он пурра ҳамоҳанганд.

Бо вуҷуди дастовардҳои қобили мулоҳизаи диссертант, дар автореферат баъзе нуктаҳое ба назар мерасанд, ки онҳоро метавон ҳамчун машварати илмӣ пешниҳод намуд:

1. Бамаврид мебуд, агар диссертант дар баробари адабиёти аслӣ аз адабиёти даврони шуравиро бештар истифода мекард;

2. Дар автореферат, ки бо ду забон таҳия шудааст номҳои китобҳо - «Китаб-ул-қиёс» ва «Таҷрид-ул-мантиқ» фикр мекунам аз «Книга о

силлогизме» ё «Абстракция в логике» беҳтар мебуд «Силлогизм» ва «Логическая абстракция» тарҷума мешуданд.

Масъалаҳои баҳсталаб ва пешниҳодҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба моҳияти илмии автореферати диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович дар мавзуи «Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ» дар сатҳи баланди илмӣ иҷро гардида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад. Аз ин рӯ, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 6.3.2. – Таърихи фалсафа сазовор דониста мешавад.

**Тақриздиҳанда:**
**доктори илмҳои фалсафа,**
**профессори кафедраи фанҳои гуманитарӣ**
**ва табиӣ Институти ISFT (Институти**
**байналмилалии технологияи**
**молия ва улум), Тошкент, Ӯзбекистон** **Холмӯъминов Ҷ.М.**

Суроға: Ҷумҳурии Ӯзбекистон, 100115,
шаҳри Тошкент, кӯчаи Чилонзор, 83, х. 8
Тел.: (+99890) 940-94-98
E-mail: jafarmuhammad@mail.ru

**Имзои Ҷ.М. Холмӯъминовро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Институти ISFT:** **Ҷалилова М.Ш.**
“ ” феврали соли 2026

Суроға: Ҷумҳурии Ӯзбекистон,
111200, вил. Тошкент, н. Қибрай,
кӯчаи Университет, 7
Тел: +998931823883
E-mail: isftdevonxona@isft.uz
02 феврали соли 2026.

# ОТЗЫВ

**на автореферат диссертации Сулайманова Бахманёра Сайдихсоновича на тему «Логика и её методологическая роль в учениях Абунасра Фараби и Насируддина Туси», представленной на соискание ученой степени доктора философских наук по специальности 6.2.3. – История философии.**

В современных условиях, когда политико-социальные и культурно-научные отношения между соседними государствами Таджикистаном и Узбекистаном прочно устоялись, от ученых требуется содействие сотрудничеству обеих сторон. В настоящее время, когда государства обрели независимость, осознание и понимание и личная независимость приобретают большое значение и тесно связаны с развитием рациональных процессов, правильным использованием научной методологии и альтернативным мировоззрением. Сегодня, когда современный мир находится в состоянии хаоса, столкновение цивилизаций поднимает необходимость переосмысления логико-философской системы наших классических мыслителей в новом контексте. Предмет исследования, посвященный логико-познавательной мысли Абунасра Фараби и Насируддина Туси под названием «Логика и её методологическая роль в учениях Абунасра Фараби и Насируддина Туси», основан на достоверных источниках и внесет значительный вклад в развитие отечественной научной мысли. Если взглянуть на краткое содержание диссертации, становится ясно, что, несмотря на проведенные в этой области исследования, исследование диссертанта рассматривается как один из первых шагов в эпоху независимостей и даже до нее, а в сравнительной форме считается полностью завершенной работой. Поэтому мы считаем усилия автора в таком систематическом подходе к исследованию своевременными и очень важными.

Тема исследования, посвященная одной из самых сложных областей философии – логике и познанию, изложена в форме дуального и эффективного сравнительного анализа, направленного, с одной стороны, на изучение истории логики и философии, а с другой – на развитие и совершенствование логического мышления и системы просвещения, основанной на идеях средневековых мыслителей – Абунасра Фараби и Насируддина Туси.

В процессе исследования автор поднимает спорные вопросы, имеющие очень древнюю и противоречивую природу, для доказательства которых необходимы обширные знания и научные постановки, основанные на источниках. Такой подход представляется

целесообразным в процессе исследования. Один из важных вопросов здесь – является ли персидская и таджикская философия реконструкцией греческой философии или самостоятельной теоретической системой со своей собственной структурой, целью и методологией? Рассматривая этот вопрос, автор, опираясь на учения Фараби и Насируддина Туси, в разделах, посвященных понятиям и суждениям, силлогизму и доказательствам, а также, просвещению (гносеологии), предлагает логичные ответы на эту дискуссию посредством точных постановок вопросов и проясняет суть вопроса, демонстрируя новаторство мыслителей.

Значимость темы является одним из важных аспектов исследования, и в нем проявляется специфическая методология исследования. По этой причине исследование отвечает требованиям современной науки и рассматривается как вклад в совершенствование методологии изучения философии и логики в процессе интеллектуального производства.

Актуальность исследования выражается в том, что в современную эпоху, благодаря новой системе научных исследований, пониманию логики и просвещения, которые считаются основой научного рационализма, возникли новые научные требования к искоренению догматических суеверий и предрассудков. В этом отношении научно-логическое наследие Фараби и Насируддина Туси используется для расширения критического мышления и научного анализа в современных морально-культурных условиях, с учетом социальных проблем общества, и рассматривается как хорошая основа для развития национального самосознания.

Можно с полной уверенностью сказать, что Сулайманов Б.С. рассматривает важную философско-логическую тему, подчеркивая значительную роль логики и просвещения в формировании научного мышления. Из его исследования легко заметить, что логико-просветительские учения обоих мыслителей анализируются на основе категорий понятия, суждения, силлогизма, доказательства и просвещения. Используя правильную методологию исследования, автор диссертации пытается открыть окно для развития научного мышления и внести вклад в формирование социального пространства на фоне этих категорий. Завершение такого процесса может предоставить возможность для развития различных теорий и практик получения полезных знаний.

Исследование диссертанта показывает, что цели и задачи исследования четко сформулированы, и, исходя из содержания автореферата, можно сказать, что эти научные вопросы успешно

решены. Наиболее важные аспекты данного исследования, которые вносят вклад в развитие будущей науки, отражены в том, что автор исследует рассматриваемые материалы следующим образом: в процессе сравнительного изучения и логико-просветительского анализа работ Абунасра Фараби и Насируддина Туси был получен ряд новых результатов: формирование философских логико-гносеологических учений мыслителей, на основе их собственных школ; влияние философских терминов и категорий греческих мыслителей на развитие и расширение философской мысли Фараби и Туси; понятие, суждение и умозаключение как методологические инструменты познания в учениях мыслителей; впервые, на основе первоисточников, с использованием логической методологии исследованы познавательные аспекты учений Фараби и Туси; Фараби и Насируддин Туси проанализировали все аспекты логики в своих сохранившихся трудах, создав прочную основу для мира в социальной системе.

На наш взгляд, анализ логико-просветительских учений Фараби и Туси весьма полезен и актуален, их роль в развитии научного мировоззрения благоприятна, и, что каждый из них может внести значительный вклад в эту проблему.

Без сомнения, можно сказать, что исследование, проведенное Б.С. Сулаймановым, своевременно и полезно. Автор, опираясь на первоисточники и в сравнении с современными теориями, исследовал фундаментальные аспекты логико-просветительских категорий, показал иерархию логической системы и способы формулирования правильных выводов. Ясно, что правильные выводы обеспечивают определенную перспективу и позволяют выявлять и объяснять сложные научно-философские вопросы, конечно, при условии, как подчеркивает автор, если правильно выстроена методология исследования.

В автореферате Б.С. Сулайманов смог лаконично изложить основные положения диссертации, четко и конкретно сформулировать цели, задачи и новизну исследования. Также, если учесть последовательность и структуру русского перевода аннотации, можно сказать, что он очень беглый и плавный, а логически-просветительские понятия и термины полностью соответствуют его таджикскому содержанию. Несмотря на значительные достижения диссертанта, в автореферате есть некоторые моменты, которые можно представить в качестве научной консультации:

1. Было бы уместно, если бы автор диссертации, наряду с оригинальной литературой, использовал больше литературы советской эпохи;

2. В автореферате, написанной на двух языках, названия книг – «Китаб-уль-кийяс» и «Таджрид-уль-мантик» – я думаю, вместо «Книга о силлогизме» или «Абстракция в логике» было бы лучше перевести их, как «Силлогизм» и «Логическая абстракция».

Поднятые вопросы и упомянутые предложения носят рекомендательный характер и не оказывают серьезного влияния на научную сущность автореферата диссертации.

В целом, диссертация Сулайманова Бахманёра Сайдихсоновича на тему «Логика и её методологическая роль в учении Абунасра Фараби и Насируддина Туси» выполнена на высоком научном уровне и соответствует требованиям пунктов 31, 33, 34 и 35 «Порядка присуждения научных степеней», утвержденного Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30.06.2021 № 267. Поэтому автор признан достойным получения научной степени доктора философских наук по специальности 6.3.2. – История философии.

**Рецензент: доктор философских наук,**
**профессор кафедры гуманитарных**
**и естественных наук Института**
**ISFT (Международный институт**
**финансовых технологий и науки),**
**Ташкент,Узбекистан** **Холмуминов Дж.М.**

Адрес: Республика Узбекистан, 100161,
город Ташкент, улица Чилонзор, 83, д.82.
E-mail: jafarmuhammad@mail.ru
Тел.: (+99890) 940-94-98

**Подтверждаю подпись Холмуминова**
**Джафара Мухаммадиевича:**
**Начальник Отдела кадров**
**Института ISFT:** **Джалилова М.Ш.**

Адрес: Республика Узбекистан, 111200,
Ташкентский обл. Кибрайский р., ул. Университет, 7.
E-mail: isftdevonxona@isft.uz
Тел: (+99893) 182-38-83
«02» февраль 2026 г.